# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Т.М. «Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар ҶТ фаро мегирад. Дар диссертатсия масоил оид ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, ҳомилони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал, ҷанбаҳои тамос ва ҳамкории мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал, масоил вобаста ба ваколати раис, вазъи ҳуқуқии раис ва иҷрокунандаи вазифа раис, санадҳои ҳуқуқии мақомоти идораи давлатӣ дар маҳал ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ марбут ба ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ ба сифати зуҳуроти амудии идоракунӣ баромад намуда, ҳамчун зернизоми низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия амал менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба объектҳои идора бештар наздик мебошанд ва сатҳу сифати фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Рушди минбаъдаи кишвар, мукаммал ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоту сохторҳои давлатиро бо назардошти шароити муосир талаб менамояд, зеро сатҳ ва сифати фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз он чумла мақомоти маҳаллии хокимияти ичроия ба пешрафт ва рушди давлат таъсири мусбат хоҳад расонид. Нишондиҳандаи мусбати он фаъолияти муътадил, натичабахш ва самараноки мақомоти давлатӣ дониста шуда, дар ташкили ичрои босифати қонунҳо, ки ба беҳтар намудани шароити маҳал нигаронида шудааст, инъикоси худро меёбад.

Бинобар ин, самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, танзими давлатӣ-ҳуқуқии муносиби фаъолияти

мақомоти мазкур барои таъсири онҳо ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти муҳим дорад. Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои тавсифи дуруст ва ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияти иҷроия, илман асоснок кардани сохтори низомноки мақомоти иҷроияи дар сатҳи маҳал фаъолиятбаранда, муносибати мутақобилаи онҳо ва мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқӣ зимни ташкил ва фаъолияти ин мақомот шароит фароҳам меоварад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии дар доираи рисола анҷомёфта, хулосаҳои назариявӣ, инчунин пешниҳоду тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузорӣ, самаранокии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ, ҳалли мушкилоти соҳа ва пешниҳоди роҳу усулҳои ҳалли он мусоидат хоҳад намуд. Бинобар ин, дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, муайян намудани камбудиву норасоиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда зимни фаъолияти амалии мақомоти мазкур, мустаҳкам намудани асосҳои ташкилӣ-хуқуқии ин мақомот ва ҳомилони он, инчунин, дигар масъалаҳо марбут ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ аз ҷумлаи масъалаҳои таҳқиқталаб ва мубрам маҳсуб меёбанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили Феҳристи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чоп шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Т.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровард шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раззоқзода Т.М. бо забони давлатӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Маликова Гулчеҳра Рихсиходжаевна – аъзои шуро, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

– Шарифзода Парвини Раҳмулло – муовини сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Муртазозода Ҷ.С.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Абдулхонов Ф.М.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон — Соибов З.М.

26.02.2024